| Бо Қарори Раёсати<br>Бонки миллии Тоҷикистон<br>№ 30 аз 15 марти с.2018<br>“Тасдиқ шудааст” | Бо Хадамоти гумруки назди<br>Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>“Мувофиқа карда шуд”<br>Сардор ____________ Каримзода Х.А. |
| --- | --- |

**Дастурамали №234**

**“Дар бораи тартиби ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани сарватҳои асъорӣ”**

Дастурамали 234 “Дар бораи тартиби ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани сарватҳои асъорӣ” тибқи моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» таҳия шуда, тартиби аз ҷониби шахсони воқеӣ (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) ва бонкҳои ваколатдор ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содиру ирсол ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон вориду интиқол намудани пули нақди миллӣ, асъори нақди хориҷӣ, воситаҳои гардони манзуршаванда ва коғазҳои қиматноки бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дар шакли ҳуҷҷатӣ ифодаёфтаро муқаррар менамояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дар Дастурамали мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- пули нақди миллӣ – сомонӣ дар шакли пулҳои коғазӣ (банкнота) ва тангаҳои филизии Бонки миллии Тоҷикистон;

- асъори нақди хориҷӣ – пули миллии мамлакатҳои хориҷӣ дар шакли банкнота (пули коғазии бонки марказӣ (миллӣ)) ва тангаи филизии мамлакати хориҷӣ;

- сарватҳои асъорӣ - асъори хориҷӣ, коғазҳои қиматнок ва ҳуҷҷатҳои пардохтии бо асъори хориҷӣ ифодаёфта, инчунин пули миллӣ, коғазҳои қиматнок ва ҳуҷҷатҳои пардохтии бо пули миллӣ ифодаёфта танҳо ҳангоми бо онҳо анҷом додани амалиёт байни резидентҳо ва ғайрирезидентҳо ва ё байни ғайрирезидентҳо;

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 153.6
“5” 06 с.2018

- низоми пардохтӣ – маҷмӯи ташкилотҳое, ки бо мақсади интиқоли маблағҳо мутобиқи қоидаҳои низоми пардохтӣ якҷоя амал менамоянд;

- бонки ваколатдор – ташкилоти қарзӣ, ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқи бо асъори хориҷӣ анҷом додани амалиётро дорад;

- ворид намудани сарватҳои асъорӣ – тариқи сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон даровардани асъори нақди хориҷӣ, пули нақди миллӣ, коғазҳои қиматнок ва воситаҳои пардохтии бо пули миллӣ ва ё асъори хориҷӣ дар шакли ҳуҷҷатӣ ифодаёфта;

- содир намудани сарватҳои асъорӣ - тариқи сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардани асъори нақди хориҷӣ, пули нақди миллӣ, коғазҳои қиматнок ва воситаҳои пардохтии бо пули миллӣ ва ё асъори хориҷӣ дар шакли ҳуҷҷатӣ ифодаёфта;

- ирсол (таҳвил) намудани сарватҳои асъорӣ – тавассути хизматрасонии ташкилотҳои алоқаи почтаи давлатӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристодан ва ё ба Ҷумҳурии Тоҷикистон даровардан, қабул, кашонидан (таҳвил), расонидани (супоридани) асъори нақди хориҷӣ, пули нақди миллӣ;

- интиқоли сарватҳои асъорӣ – тавассути низомҳои интиқоли пулӣ ва бонкҳои ваколатдор фиристондани маблағҳои пулӣ ва асъори хориҷӣ;

- коғазҳои қиматноки бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дар шакли ҳуҷҷатӣ ифодаёфта - ҳуҷҷатҳои пардохтӣ (чекҳо, векселҳои оддӣ, траттаҳо, аккредитивҳо, супоришҳои пардохтӣ, аризаҳо ва дигар амрномаҳо оид ба амалӣ гардонидани пардохт ва ғайраҳо), сарватҳои фондӣ (саҳмияҳо, васиқаҳо, вомбаргҳо, сертификатҳо дар бораи бастани қарордодҳои асъорӣ «фючерс» ва «опсион» ва ғайраҳо), дигар ӯҳдадориҳои қарзӣ (сертификатҳои депозитӣ ва амонатӣ, мактубҳои кафолатӣ ва ғ.);

- ҷиноятҳои асосӣ – ҷиноятҳои дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, ки пеш аз қонунигардонии (расмикунонии)

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 153,б
«5» 06 с.2018

даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда содир гардида, дар натиҷаи онҳо даромадҳо ба даст оварда шудаанд.

## БОБИ 2. БА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВОРИД ВА АЗ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН СОДИР НАМУДАНИ САРВАТҲОИ АСЪОРӢ АЗ ҶОНИБИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ (РЕЗИДЕНТҲО ВА ҒАЙРИРЕЗИДЕНТҲО)

2. Содир намудани сарватҳои асъории накд аз ҷониби шахсони воқеӣ (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) аз Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби зерин амалӣ гардонида мешавад:

- шахсони воқеи-резидентҳо ва ғайрирезидентҳо, метавонанд бе мамоният, бе декларатсиякунонии хаттии ҳатмӣ ва бе пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи манбаи пайдоиши сарватҳои асъорӣ, ки барои содир намудани сарватҳои асъорӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон асос мебошанд, дар як вақт сарватҳои асъориро ба маблағи ҳамарзиши (эквиваленти) то 3’000 (се ҳазор) доллари ИМА аз Ҷумҳурии Тоҷикистон баровранд;

- содир намудани сарватҳои асъорӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи ҳамарзиши аз 3’001 (се ҳазору як) доллари ИМА то ба маблағи ҳамарзиши 10’000 (даҳ ҳазор) доллари ИМА аз ҷониби шахсони воқеӣ-резидентҳо бо шарти декларатсиякунонии хаттии ҳатмӣ, бе пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи манбаи пайдоиши онҳо, ки барои содир намудани сарватҳои асъорӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон асос мебошанд, амалӣ мегардад;

- содир намудани сарватҳои асъорӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи ҳамарзиши зиёда аз 10’000 (даҳ ҳазор) доллари ИМА, аз ҷониби шахсони воқеӣ-резидентҳо бо шарти декларатсиякунонии хаттии ҳатмӣ ва бо пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи манбаи пайдоиши сарвати асъорӣ, ки барои содир намудани сарвати асъорӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон асос мебошанд, амалӣ мегардад;

- содир намудани сарватҳои асъорӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи ҳамарзиши зиёда аз 3’000 (се ҳазор) доллари ИМА, аз ҷониби шахсони воқеӣ - ғайрирезидентҳо бо шарти декларатсиякунонии хаттии ҳатмӣ ва бо пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи манбаи

ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 153 „б"
„5" 06 с.2018

пайдоиши сарватҳои асъорӣ, ки барои содир намудани сарватҳои асъорӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон асос мебошанд, амалӣ мегардад.

3. Ворид намудани сарватҳои асъорӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби шахсони воқеӣ (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) бе маҳдудият, бо риоя намудани талаботи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

Дар баробари ин, дар мавриди ворид намудани сарватҳои асъорӣ ба маблағи ҳамарзиш ба 3’000 (се ҳазор) доллари ИМА ва зиёд аз он, талаботи декларатсиякунонии хаттӣ татбиқ карда мешавад.

4. Шахсони воқеӣ (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) сарватҳои асъории ба маблағи ҳамарзиши то 3’000 (се ҳазор) доллари ИМА-ро низ метавонанд ба таври ихтиёрӣ декларатсия намуда, тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон содиру ворид намоянд.

5. Ба воситаи сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон содир ва ворид намудани сарватҳои асъорӣ тавассути курерҳо, муросилоти почтавӣ, нақлиёти боркаш ва/ё дигар намуди боркашонӣ бо риоя намудани талаботи бандҳои 2-4 ҳамин Дастурамал декларатсия карда мешаванд.

6. Ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи манбаи пайдоиши сарватҳои асъорӣ, ки барои содир намудани асъори нақд аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос мебошанд, инҳоянд:

- декларатсияи гумрукӣ, ки аз тарафи мақомоти гумрукӣ ба расмият дароварда шудааст ва ҳамчун далели ҳақиқии аз ҷониби шахси воқеӣ (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани сарватҳои асъориро тасдиқ менамояд;

– ҳуҷҷати тасдиқкунандаи анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ ва ё табдилдиҳӣ бо асъори хориҷӣ, ки аз ҷониби бонкҳои ваколатдор (филиалҳои онҳо) ва ё воҳидҳои сохтории онҳо ба шахсони воқеӣ (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) ҳангоми ба онҳо фурӯхтани асъори нақди хориҷӣ дода мешавад;

- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи анҷомдиҳии амалиёти интиқоли асъор, ки аз ҷониби бонкҳои ваколатдор (филиалҳои онҳо) ва ё воҳидҳои сохтории онҳо ба шахсони воқеӣ (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) ҳангоми додани

ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 153 „б"
„5" 06 с.2018

маблағҳои пулии бе кушодани суратҳисоби бонкӣ интиқолшуда, дода мешавад;

- ордери хароҷоти хазина, ки аз ҷониби бонкҳои ваколатдор (филиалҳои онҳо) ва ё воҳидҳои сохтории онҳо ба муштарӣ ҳангоми гирифтан ва ё додани асъори накд аз суратҳисоб бо пули миллӣ ва ё аз суратҳисоби асъорӣ дода шудааст;

- ордери хароҷоти хазина, ки аз ҷониби бонкҳои ваколатдор (филиалҳои онҳо) ва ё воҳидҳои сохтории онҳо ҳангоми додани асъори накди хориҷӣ аз суратҳисоби ҷории шахси ҳуқуқӣ барои хароҷотҳои сафари хизматии кормандонаш ва инчунин дар дигар ҳолатҳои бо қонунгузорӣ пешбинишуда, дода шудааст;

- ордери хароҷоти хазина, ки аз ҷониби Хазинаи марказии Бонки миллии Тоҷикистон барои хароҷотҳои сафари хизматии кормандони худ ва ташкилоту идораҳои буҷетӣ, ки аз ҷониби Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасонӣ карда мешаванд, дода мешавад.

7. Амалиёти ирсол (таҳвил) намудани сарватҳои асъорӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи алоқаи почта” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақоми ваколатдори алоқаи почта амалӣ гардонида мешавад.

8. Амалиёти интиқоли маблағҳои пулӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) тавассути низомҳои пардохтӣ ва низомҳои интиқолии байналмилалӣ ба роҳ монда шуда, тартиби анҷом додани онҳо дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии бонки миллии Тоҷикистон батанзим дароварда мешавад.

## БОБИ 3. АЗ ҶОНИБИ БОНКҲОИ ВАКОЛАТДОР БА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВОРИД ВА АЗ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН СОДИР НАМУДАНИ САРВАТҲОИ АСЪОРӢ.

9. Бонкҳои ваколатдор ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудан ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани сарватҳои асъориро бе маҳдудияти маблағ ва миқдор, бо риояи намудани талаботи қонунгузории

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 153.б
"5" 06 с.20 18

гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастурамали мазкур амалӣ менамоянд.

Бонки миллии Тоҷикистон вобаста ба мақсаду вазифаҳои сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи бе маҳдудияти маблағ ва миқдор, бо риоя намудани талаботи қонунгузории гумрукӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудан ва аз ҷумҳурӣ содир намудани сарватҳои асъориро дорад.

10. Ворид ва содир намудани асъори нақди хориҷиро бонкҳои ваколатдор танҳо ба воситаи суратҳисобҳои муросилотии худ, ки дар бонкҳои хориҷӣ кушодаанд, амалӣ менамоянд.

Истифодаи суратҳисобҳои ташкилотҳои ғайрибонкии хориҷӣ аз ҷониби бонкҳои ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузоштан ва гирифтани асъори нақд манъ аст.

11. Бонки миллии Тоҷикистон ба Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи бонкҳои ваколатдор ва тағйиротҳо ба онро, ки ҳуқуқи ворид ва содир намудани сарватҳои асъории нақдро доранд, мефиристад.

12. Бонкҳои ваколатдоре, ки сарватҳои асъориро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир менамоянд, ҳар моҳ на дертар аз санаи 10-уми моҳи баъд аз моҳи ҳисоботӣ, ба Бонки миллии Тоҷикистон Ҳисобот оид ба воридот ва содироти сарватҳои асъорӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ (Замимаи 1)-ро бо нишон додани ҳаҷми асъори нақди хориҷӣ ва коғазҳои қиматноки бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дар шакли ҳуҷҷатӣ ифодаёфтаи ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содиршударо, бо нишон додани намудҳои асъор, коғазҳои қиматноки барои ҳар як маблағи фиристодашаванда, инчунин рақамҳо ва санаҳои барасмиятдарории декларатсияи гумрукии бори дахлдорро пешниҳод менамоянд.

Ба ҳисобот замима карда мешаванд:

- нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи аз хазинаи бонкҳои ваколатдор додан ё ин ки ба хазина қабул намудани сарватҳои асъорӣ;

- нусхаи беруннавис аз суратҳисоби муросилотии дар бонкҳои хориҷӣ кушодашуда, оид ба вориди сарватҳои асъорӣ, ки аз Ҷумҳурии

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 153,,б"
„5" 06 с.20 18

Тоҷикистон содир шудааст ё ин ки аз суратҳисоби муросилотии номбаршуда гирифтани сарватҳои асъории ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда;

- нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунанда оид ба мубодилаи асъори нақди хориҷии аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон содиршаванда ё ин ки шаклҳои дигари ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи табдилдиҳии асъор.

Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси дархости Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои муқоисаи маълумотҳо, ҳисоботи ҷамъбастӣ оид ба ҳаҷми сарватҳои асъории аз ҷониби бонкҳои ваколатдор воридшуда ва содиршударо пешниҳод менамояд.

13. Мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат аз болои содироти (воридоти) сарватҳои асъориро тибқи қонунгузории ҷории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастурамали мазкур ба амал мебарорад.

14. Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар моҳ, ба Бонки миллии Тоҷикистон феҳристи декларатсияҳои гумрукии борро, ки дар асоси онҳо бонкҳои ваколатдор сарватҳои асъориро дар муддати як моҳи пеш аз моҳи фиристонидани феҳристҳо, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намуда буданд, пешниҳод менамояд.

Шакли феҳристҳои номбаршуда, аз тарафи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мувофиқаи Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

15. Бо мақсади танзими саривақтии бозори дохилии асъор, Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад барои аз Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути бонкҳои ваколатдор содир намудани сарватҳои асъорӣ, маҳдудиятҳои муваққатӣ ҷорӣ намояд.

Бонки миллии Тоҷикистон оид ба ҳамаи маҳдудиятҳои ҷоришуда барои аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани сарватҳои асъорӣ тавассути бонкҳои ваколатдор, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бонкҳои ваколатдорро на дертар аз як моҳи то санаи баамалбарории ин маҳдудиятҳо огоҳ менамояд.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 153-5
"5" 06 с.2018

16. Бо мақсади ҳамлу нақл ва гузаронидани сарватҳои асъорӣ, бонкҳои ваколатдор ҳуқуқ доранд дар асоси шартнома аз хизмати ширкатҳои махсуси нақлиётии боркашонӣ (резидент ва ғайрирезидентҳо), ки ҳуқуқи ҳамлу нақл ва кашонидани маблағҳои пулӣ ва тайёрии техникӣ доранд, истифода баранд.

17. Сарватҳои асъорӣ, чекҳои сафарӣ, чекҳо, тасдиқномаҳои депозитии амонатӣ ва инчунин векселҳо, дигар уҳдадориҳои қарзии ба номи пешниҳодкунанда расмикунонидашудаи ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда ва аз Ҷумхурии Тоҷикистон содиршаванда бояд ба маблағи на кам аз арзиши номиналӣ (дар банкнотаҳо, билетҳои хазинадорӣ ва тангаҳо дарҷёфта)-и онҳо аз ҳама намудҳои хавфҳои дар муддати тамоми фосилаи роҳи байни хазинаи бонкҳои ваколатдор ва хазинаи бонки хориҷӣ мавҷудбуда, суғурта карда шаванд.

Ҳуҷҷатҳои пардохтии бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ ифодаёфта, ки дар сархати якуми банди мазкур қайд нашудаанд, метавонад аз тарафи худи бонкҳои ваколатдор ихтиёран суғурта карда шаванд.

## БОБИ 4. САЛОҲИЯТИ МАҚОМОТИ НАЗОРАТИ ГУМРУКӢ ДАР СОҲАИ МУҚОВИМАТ БА ҚОНУНИГАРДОНИИ (РАСМИКУНОНИИ) ДАРОМАДҲОИ БО РОҲИ ҶИНОЯТ БАДАСТОВАРДА, МАБЛАҒГУЗОРИИ ТЕРРОРИЗМ ВА МАБЛАҒГУЗОРИИ ПАҲНКУНИИ СИЛОҲИ ҚАТЛИ ОМ ҲАНГОМИ БА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВОРИД ВА АЗ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН СОДИР НАМУДАНИ САРВАТҲОИ АСЪОРӢ

18. Дар ҳолати ошкор гардидани маълумоти нодуруст дар декларатсияи пуркардашуда оид ба ворид ё содир намудани сарватҳои асъорӣ ва ё нишон надодани сарватҳои асъории ворид ва ё содиршаванда, ки бояд ҳатман декларатсия карда мешуданд, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад аз содиркунанда оид ба манбаи пайдоиши сарватҳои асъорӣ инчунин оид ба истифодаи минбаъдаи онҳо маълумоти иловагӣ талаб намояд.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 153,б
"5" 06 с.2018

19. Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақоми ваколатдор оид ба муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом бо тартиби муқарраркардаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом” доир ба ҳаҷми сарватҳои асъории ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содиршаванда, ки нисбати онҳо декларатсиякунонии хаттии ҳатмӣ пешбинӣ шудааст ва ҳатман назоратшаванда маҳсуб меёбанд, маълумот пешниҳод менамояд.

20. Ҳангоми ҷой доштани ҳолатҳои шубҳаноки ҷойивазкунии фаромарзии сарватҳои асъорӣ Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба таври фаврӣ мақоми ваколатдор оид ба муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли омро хабардор намояд.

21. Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми сарватҳои асъории ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содиршударо, ки нисбати онҳо талаботи декларатсиякунонии хаттии ҳатмӣ ва ё назорати ҳатмӣ татбиқ мегардад, ба ҳисоб гирифта, ҳармоҳа маълумоти ҷамъбастиро тайёр намуда, ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

22. Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои зарурӣ барои дарёфти далелҳои қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, ҳаракати сарватҳои асъориро боздорад ва маҳдуд намояд, аз ҷумла:

- ҳангоми мавҷуд будани шубҳа доир ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ва ё дар содир намудани ҷиноятҳои асосӣ;

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 153.6
“5” 06 с.2018

- дар ҳолати нодуруст декларатсиякунонии ҳатмӣ ва ё иттилоъ надодан оид ба содир ва ворид намудани сарватҳои асъорӣ.

23. Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳидҳои сохтории он бояд маълумоти бадастовардаро на камтар аз панҷ сол дар ҳолатҳои зерин нигоҳ доранд:

- ҳангоме, ки маблағи дар декларатсияи ҳатмии хаттӣ нишондодашуда аз маблағи ҳадди ақалли нисбати декларатсиякунонӣ муқарраршуда зиёд бошад;

- ҳангоми дар декларатсия нодуруст нишон додани маблағи сарватҳои асъории ворид ва ё содиршаванда;

- ҳангоми гумонбар шудан ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом.

## БОБИ 5. МАСЪУЛИЯТ БАРОИ ВАЙРОН КАРДАНИ ТАЛАБОТ

24. Таъмини иҷрои талаботи Дастурамали мазкур ба зиммаи шахсони воқеӣ (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) ва бонкҳои ваколатдор гузошта шуда, назорати риояи он аз ҷониби сохторҳои ваколатдори мақоми назоратӣ анҷом дода мешавад.

25. Шахсони воқеӣ (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) ва бонкҳои ваколатдор барои риоя накардани талаботи Дастурамали мазкур мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 153,б
"5" 06 с.2018

Замимаи 1 ба Дастурамали № __
“Дар бораи тартиби ба Ҷумҳурии Тоҷикистон
ворид ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир
намудани сарватҳои асъорӣ”

Ҳисобот

Оид ба амалиёти содиру ворид намудани сарватҳои асъорӣ

аз ҷониби ташкилоти қарзии______________________________________________ дар моҳи ______ соли 20___.

| Таърихи ба расмиятдарории гумрукӣ | Рақами ДГБ* | Навъи сарвати асъорӣ | Миқдор | Номинал | Номи асъор | Маблағи умумӣ аз рӯи номинал | Ғайрирезидент гиранда/фиристанда | Ҳисоби муросилоти бонкӣ аз рӯи ин амалиёт |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | |
| I. | | | | | | | | |
| II. | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ: | | | | | | | | |

I. Ворид намудан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон
II. Содир намудан аз Ҷумҳурии Тоҷикистон
*Декларатсияи гумрукии бор

Раиси Бонк
Сармуҳосиб

Иҷрокунанда:
Тел:

ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 153.5
« 5 » 06 с.20 18